# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур оид ба диссертатсияи Мирзоев Суҳбатулло Авғонович «Ташаккули механизми рушди ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст

1.Таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоев Суҳбатулло Авғонович «Ташаккули механизми рушди ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)" муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида дониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи унвонҷӯ ба шумор меравад, ки ба ҳалли муаммоҳои афзалиятноки асосҳои илмӣ-назариявӣ низоми идоракунӣ ва таҳияи маҷмуи тадбирҳои давлатӣ дар соҳаи ташаккули механизмҳои рушди деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоӣ иқтисодии давлат дар ҳудуди деҳот бахшида шудааст.

Ақидаҳои илмӣ, коркардҳои назариявию методологӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, ки барои пешрафти илми иқтисодиёт метавонад мусоидат намоянд ба муаллифи диссертатсия тааллуқ доранд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои илмӣ инъикос гардидаанд. Таҳқиқоти илмӣ ба масъалаҳои ташаккул механизмҳои рушди деҳот бахшида шудааст ва муаллиф моделҳои макони зисти деҳот, равиши консептуалиии рушди устувори ҳудудҳои деҳот ва сайёҳӣ, инчунин рушди экологии ҳудудҳои деҳотро илман асоснок намудааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33 - и Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсияи пешниҳодшуда фарогирии масъалаҳои механизмҳои рушди деҳот буда, дорои мазмун ва мантиқи ягона аст.

Сохтори диссертатсия ба талаботи мавҷуда пурра мувофиқ аст. Диссертатсия дорои навгонии илмӣ буда, натиҷа ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.01.2022 фармоиши №14/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи

Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми ноябри соли 2021, таҳти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ҳаҷми 3,0 ҷ.ч.) ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мувофиқ мебошад.

5. Дар диссертатсияи Мирзоев С.А. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Мирзоев С.А. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чоп гардида, мавҷуд нест.

Комиссияи ташхисӣ мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Мирзоев Суҳбатулло Авғонович «Ташаккули механизми рушди ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ ба Шурои диссертасионии 6D.КОА-016-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ муқарризони расмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия шахсони мазкур таъйин карда шаванд:

**Пиризода Ҷалил Сафар** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон;

**Билолов Неъматулло Курбоналиевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, омӯзгори калони кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи муасисса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 02 декабри соли 2022, соати 09.00 муайян карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Насиров Р.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Раҳматзода Ҳ.Б.

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор — Мирсаидов А.Б.

23 сентябри соли 2022